«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э. С.
___________________
«30» __01______ соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **“Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) дар кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Ёрова Сабоҳат Нуровна** соли 1997 факултети Шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) - ро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти Шарқ (шарқшинос – филолог, (забони ҳиндӣ) хатм карда, аз соли 2008 дар факултаи Шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло факултети забонҳои Осиё ва Аврупо) - и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти ҳиндӣ фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Ёрова Сабоҳат Нуровна доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Ҳинди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Раҷабов Ҳабибулло** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шӯрои илмии факултаи Шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон аз 05.01.2009, қарори №5 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Ёрова Сабоҳат Нуровна 12-уми январи соли 2024, № 9 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи мазкур ба таҳлилу арзёбии "Образи зан дар романҳои "Нирмала" ва "Камомад" - и асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ Премчанд, ки дар асри XX ҳамчун беҳтарин романнавис ва ҳикоянавис ном баровардааст, бахшида шудааст. Роҷеъ ба ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти адабии Премчанд дар Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон мақолаҳо ва рисолаҳои ҷудогонаи таҳқиқотӣ навишта шудаанд. Қаҳрамонҳои асарҳои Премчанд асосан мардумони одӣ мебошанд. Адиб зиндагии мардуми одиро воқеъбинона ва бо муҳаббати зиёд тасвир намуда, бо ин васила инсондӯсти асил буданашро исбот намудааст. Тасвири зан, аз ҷумла чунин хислатҳои ӯ ба мисли хушахлоқӣ, вафодорӣ, меҳнатдӯстӣ, боҷуръатӣ ва ғайра дар ҳамаи асарҳои адиб дида мешавад.

Романи "Нирмала" – беҳтарин романи Премчанд бахшида ба масоили зан мебошад. Образи Нирмала ифодакунандаи дараҷаи олии инкишофи реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ мебошад. Нирмалаи Премчанд дорои зебоӣ ва хислатҳои хуб аст, вале дар муқобили ин ҳама хислатҳои наҷибаш қисмати фоҷиавии зиндагии ӯ бештар ба назар мерасад. Ин ҳама дар вобастагӣ бо шавҳари аз ӯ калон ва бадрашку номеҳрубон равшан зоҳир мегардад. Фоҷиаи аз ин ҳам бадтари Нирмала инчунин, дар мавҷудияту сахт риоя кардани бисёр урфу одатҳоест, ки асрҳо боз зиндагии миллионҳо занону духтаронро талх месозанд.

Дар романи “Камомад” аслан образи қаҳрамони марказӣ - Ҷалпа бештар ба назар мерасад. Гарчанде Ҷалпа қаҳрамони майдони амалҳои сиёсӣ намебошаду дар минбари ҷамъомадҳои эътирозӣ суханрониҳо намекунад ва барои озодии занон шиорҳо намепартояд, лекин дар воқеъ, образи хеле ҷолибу хотирмон аст. Тамоми қаҳрамонии ӯ аслан дар муносибат ба шавҳараш, ба доштану надоштани зеварҳои ороишӣ ва раҳо кардани шавҳар аз зиндон боз чанд нафари дигар, ки яке аз онҳо бе гуноҳ ҳукми қатл гирифтааст, маълум мешавад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ)** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажӯҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти ҳиндӣ, адабиёти урду, адабиёти ҷаҳон, робиташиносӣ ва таърихи тарҷума метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани романҳои нависандаро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст: –

- баррасии зиндагии Премчанд дар асоси осори мавҷудаи таҳқиқӣ ва таълифоти муаллиф;
- таҳлилу арзёбии назари мунаққидону донишмандони Ҳиндустон, Россия ва Тоҷикистон дар атрофи таълифоти Премчанд;
- таҳқиқ ва баррасии ҳунари ҳикоянависии Премчанд;
- баёни хусусиятҳои замони асарофарии Премчанд ва таҳлили романҳои “Нирмала” ва “Камомад”;
- инъикоси образи зани ҳинду дар романҳои “Нирмала” ва “Камомад”;
- муқаррар кардани мавқеи роман ва ҳикоя дар эҷодиёти нависанда;
- баррасии хусусиятҳои ғоявӣ-мавзуӣ ва услубии романҳои Премчанд;
- таҳлили осори нависанда дар асоси назарияҳои адабӣ ва муайян кардани мақоми Премчанд дар таърихи адабиёти ҳиндӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** романҳои “Нирмала” ва “Камомад” - и Премчанд истифода шудаанд. Бо назардошти он ки мавзуи образи зани ҳинду дар романҳои “Нирмала” ва “Камомад” ба таври лозим таҳқиқ нашудааст, мақсад гузошта шудааст, ки ин мавзуъ дар чаҳорчӯбаи диссертатсияи алоҳида баррасиву арзёбӣ гардад.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмии адабиётшиносону шарқшиносони ватанию хориҷӣ ва осори пажӯҳишии марбут ба шинохти роман самаранок истифода намудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Ҷ. Бақозода,

А. Кӯчарзода, М. Имомзода, М. Шакурӣ, Ш. Солеҳов, Ҳ. Раҷабов, В. И. Балин, Н. Д. Гаврюшина, Индранатҳ Мадан, Ҳансраҷ Раҳбар, Қамар Раис, Камал Кишор, Кришнадев Ҷҳарӣ, Амритрай ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки дар адабиётшиносии тоҷик нахустин бор образи зан дар эҷодиёти Премчанд дар мисоли романҳои "Нирмала" ва "Камомад" тадвину мураттаб гардида, одатҳои аз гузашта меросмонда, хурофот ва паст кардани шаъну шарафи инсонии занони ҳинду дар романҳои номбурда, инчунин хусусиятҳои мавзуӣ, идеявӣ ва услубии асарҳои нависанда ба таври ҷомеъ таҳқиқ шудаанд.

Диссертатсияи номзадии Ёрова Сабоҳат Нуровна аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаҳои он ба масъалаҳои камшинохти марбут ба образи занон дар асарҳои Премчанд равшанӣ андохта, дар омӯзиши романҳои "Нирмала" ва "Камомад" - и нависанда маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар омӯзишу арзёбии ҳунари образофарии Премчанд, ҷойгоҳи романҳои "Нирмала" ва "Камомад" дар эҷодиёти Премчанд, образи зан дар романҳои номбурда, таҳаввулоти падидомада дар мавзуъ, муҳтавою мундариҷаи роман дар нимаи аввали асри XX судманд хоҳад буд. Аз натиҷаҳои таҳқиқ метавон зимни таълифи таърихи адабиёти ҳиндӣ, масоили адабиётшиносӣ ва накди адабӣ истифода кард.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро барои навиштани мақолот ва таълифоту таҳқиқотҳои илмӣ дар пажӯҳиши паҳлуҳои омӯхтанашудаи насри асри XX, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба насри адабиёти муосири ҳиндӣ, махсусан осори Премчанд,

таҳқиқи равишҳои таълиф ва таъйини арзишҳои ҳунарию адабии осори адибони алоҳида метавон мавриди истифода қарор дод.

Инчунин, метавон ҳангоми тадвину таҳлили дастурҳои методӣ ва васоити таълимӣ роҷеъ ба адабиёти ҳиндӣ, мураттаб сохтани курси лексияҳо доир ба адабиёти ҳиндӣ, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар таълими адабиёти ҳиндӣ дар асри XX ва назария ва амалияи наср дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ, истифода кард.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Ёрова Сабоҳат дар 6 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Ёрова, С. Н. Тасвири симои зан дар эҷодиёти Премчанд [Матн] / Сабоҳат Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2010. – №5. (61) – С. 362 - 366.

[2-М]. Ёрова, С. Н. Образи зан дар романи “Камомад” - и Премчанд [Матн] / Сабоҳат Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – №4/9. (185) – С. 258 - 262.

[3- М]. Ёрова, С. Н. Масъалаҳои асосии аввалин ҳикояҳои Премчанд [Матн] / Сабоҳат Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/1. (195) – С. 168 - 172.

[4-М]. Ёрова, С. Н. Премчанд – нависандаи инсондӯст [Матн] / Сабоҳат Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 234 - 239.

[5-М]. Ёрова, С. Н. Тасвири масъалаҳои иҷтимоӣ дар романи “Камомад” - и Премчанд [Матн] / Сабоҳат Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 213 - 218.

[6-М]. Ёрова, С. Н. Баъзе хусусиятҳои забони романи “Нирмала” - и Премчанд [Матн] / Сабоҳат Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №7. – С. 111 - 117.

Арзишҳои ҳунариву адабӣ, зебоишиносӣ ва дигар вижагиҳои эҷодии Премчанд барои рушди адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд. **Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажӯҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла таърих, фалсафа, эстетика, забоншиносӣ, рӯзноманигорӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Премчанд ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми ӯ дар адабиёти ҳиндӣ дар нимаи аввали садаи XX мушаххас мешавад.

Кафедраҳои филологияи Ҳинд, филологияи Эрон ва филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо натиҷагирӣ аз ҷаласаи

муштарак диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровнаро дар мавзуи **“Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)”** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобанд, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои филологияи Ҳинд, филологияи Эрон ва филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”–17 нафар, “зид”– нест, “бетараф” – нест, қарори № 6 аз 26. 01. 2024.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи филологияи Ҳинд — Қурбонов Ҳ.А.

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи филологияи Эрон — Сафаров У. Р.

Доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи филологияи араб — Раҷабова М. Т.

Котиби илмӣ,
номзади илмҳои филологӣ, — Латифов А.Д.

Имзоҳои Қурбонов Ҳ. А., Сафаров У.Р.,
Раҷабова М.Т. ва Латифов А.Д.- ро тасдиқ
мекунам:Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Гавқиев Э. Ш.